Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст. (Душанбе, 2023. - 32 саҳ)

**Мубраммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва таъмини сулҳу субот дар мамлакат, зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, кишвари мо роҳи сохтмони иқтисодиёти бозоргонӣ ва рушди муносибатҳои нави ҷамъиятиро пеша намудааст, ки ин асоси пешрафти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд гардидани шуури зиддикоррупсионии ҷомеа гардидааст.

Мубраммияти таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки мавзуи таҳқиқшаванда яке аз масъалаҳои глобалиро дарбар гирифта, ба раванди рушди ҷомеаи муосир мутобиқ мебошад. Муаллиф баҳри мукаммал гардидани таҳқиқоти илмии худ оид ба чораҳои пешгирӣ, асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони Шуравӣ ва пасошӯравӣ, дар соҳаҳои фалсафа, психология, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи гражданӣ, инчунин захираҳои глобалии маъхазҳои иттилоотии интернет ва тафсирҳои васоити ахбори оммаро мавриди омӯзиш ва истифода қарор додааст.

Дар автореферати диссертатсия низ мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва хаҷми диссертатсия ба таври зарурии муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда таъмин карда шудаанд. Бисёре аз муқаррарот, хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ тахия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ифода намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро инъикос намудааст.

Мавсуф дар омода намудани таҳқиқоти илмӣ усулҳои умумиилмии фалсафӣ, диалектикаи дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, пешбинӣ намудааст.

Автореферати диссертатсия иттилооти илмиро оид ба низоми кирдорҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок, инчунин роҳҳо ва воситаҳои криминологии пешгирии чунин ҷиноят, ки қаблан дар адабиёти муосири криминологӣ оид ба масъалаҳои мубориза бо ҷинояткорини марбут ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос нашуда буд, дар бар мегирад. Дар автореферати диссертатсия омилҳои криминогенӣ, ки ҷинояти коррупсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд, низ дарҷ ёфтааст.

Таҳқиқот бо назардошти таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ва кримонологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар асоси қонунгузории байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, пешниҳоди мушаххас оид ба ворид намудани тағйирот ба қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз гардидаанд.

Пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда оид ба беҳтар намудани пешгирии умумиҷтимоӣ ва махсуси криминологии ҷинояткории коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидаанд, ки дар назарияи криминологӣ ва мувофиқан, дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ мавқеи худро то имрӯз наёфта буданд:

1. Яке аз пешниҳодҳо қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи криминологии лоиҳаи қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ» мебошад (саҳ.13) Бинобар ин, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки мақсаду мароми қабули ин қонунро шарҳ дода, таъсири мусбии онро дар пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ҷиноятҳои ба коррупсия равонагардида дар рафти дифои рисолаи илмӣ маънидод намояд.

2. Дар автореферати диссертатсия хусусияти латентӣ доштани сабабҳои махсуси криминологии ҷиноятҳои коррупсионӣ дарҷ гардидааст. Аммо тафсир карда нашудааст, ки бо кадом мақсад ин номгӯйи ҷиноятҳо дорои чунин хусусият мебошанд. Мехостем нуқтаи назари муаллифро дар ин самт фаҳмем.

Эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ ваислоҳшавандагиро дошта моҳият ва мазмуни таҳқиқиоти илмиро коста нагардонида, баръакс барои боз ҳам васеъ ва мукаммал намудани таҳқиқоти илмӣ мусоидат менамояд. Зеро ин масъалаҳо бори аввал бо забони давлатӣ ба яке аз мавзуъҳои мубрам бахшида шуда, барои тахияи

чораҳои пешгирӣ ва дар бартараф намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад.

Омӯзиши автореферати диссертатсия нишон дод, ки муаллиф дар ин замина доир ба мавзуи диссертатсия ва муҳтавои асосии он 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 адад дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

Диссертатсия ба талаботи навоварии муқаррароти илмӣ ҷавобгӯ буда, кори илмии мустақилонаи ба анҷом расонидашуда ба ҳисоб рафта, хулоса ва пешниҳодҳои он мантиқан дуруст ва илман асоснок ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқшиносии муосир ба вуҷуд меорад.

Бинобар ин, метавон таҳқиқоти анҷомдодаро мусбӣ арзёби намуд, зеро он нахустин пажуҳиши илмӣ бо забони давлатӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ш.М., дар шароити муосир муҳим ва зарур буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ ва аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф шуда, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад.

Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Шарифзода Ш.М. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Мудири шуъбаи таърихи давлат ва
ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовадинови АМИТ
д.и.ҳ. профессор Буризода Э.Б.

**Имзои Буризода Э.Б., -ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони шуъбаи кадрҳои ИФСҲ-и
ба номи А.Баҳовадинови АМИТ Шозедов Х.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 33. Тел. 221-56-89; 221 65-85; E-mail: buriev-68@mail.ru.

«02» 02 соли 2023.